**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.09.2023, № 12

Барои сазовор донистани Манонзода Абубакр Манон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар рӯзи 26.09.2023 (суратмаҷлиси №6) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Манонзода Абубакр Манон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Ӯ дар солҳои 1991-2002 аввал дар мактаби №40 таҳсилро оғоз карда, баъдан литсеи Чорбоғи ноҳияи Варзобро ба поён расонидааст. Пас аз хатми мактаби миёна соли 2002 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2007 бо ихтисоси шарқшинос-филолог хатм кардааст. Солҳои 2007–2009 дар Донишгоҳи Ҳайдарободи Ҷумҳурии Ҳиндустон (Hyderabad Central University) бо ихтисоси улуми сиёсӣ таҳсили хешро идома додааст. Солҳои 2020-2023 ҳамчун унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ ба пажуҳиш машғул будааст.

Манонзода Абубакр Манон аз соли 2015 то ба ҳол дар Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ” ба ҳайси сардори шуъбаи маркетинг ва менеҷмент ва сипас аз моҳи январи соли 2023 то кунун сардори Медиатекаи Президентии МД “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илми филология, муовини директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович.

**Муқарризони расмӣ:**

**Охониёзов Варқа Дустович** – доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ;

**Собиров Ҳамза Юсуфович** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Мутобиқи муҳтавои тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С. , эксперт, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л.М., котиби илмии ҷаласа, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Ж. Б. пешниҳод шудааст. Диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи бандҳои 31-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки муқарризони расмӣ ва омӯзгорони муассисаи пешбар мутахассисони бевоситаи соҳаи филология буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Манонзода А.М. Равобити адабӣ ва фарҳангии мардумони эронӣ ва ҳиндӣ дар даврони бостон [Матн] // Суханшиносӣ. Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ. – Душанбе: Дониш, 2021. -№4 – С 132-142.

[2-М]. Манонзода А. М. Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар давраи Сосониён [Матн] // Суханшиносӣ. Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: Дониш, 2022. -№2 – С 120 - 126.

[3-М]. Манонзода А. М. Равобити адабии Ҳинду Эрон дар замони Сосониён (224-651) [Матн] // Суханшиносӣ. Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ. – Душанбе: Дониш, 2022. -№3 – С 89 - 94.

[4-М]. Манонзода А. М. Санъатҳои лафзӣ дар достони «Ром ва Сито» [Матн] // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2022. -№4 (48) – С 157-163.

[5-М]. Манонзода А. М. Мавқеи санъатҳои ташбеҳ ва истиора дар достони «Ром ва Сито» [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. -№2 – С 121-126.

[6-М]. Муҳаммадиев Ш. М., Манонзода А. М. Нигоҳе ба сайри таърихии “Калила ва Димна” дар адаби форсии тоҷикӣ//[Матн] // Паёми Донишгоҳи миллӣ.- Душанбе: Сино, 2023. -№2 – С 131-136.

**Мақолаи муаллиф дар маҷаллаи илмӣ-оммавӣ:**

[7-М]. Манонзода А.М. Санъатҳои бадеӣ дар достони «Ром ва Сито» [Матн] // Мероси шарқ (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе, 2023. -№3 (5) – С 127-134.

**II. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмии зер ироа гардидааст:**

1. [8-М]. Манонзода А.М. Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар давраи Сосониён [Матн] // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. - Хоруғ: ҶДММ «Аршам», 2022. –С. 362 - 366.

2. [9-М]. Манонзода А.М. Нигоҳе ба пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии мардумони эрониву ҳинд дар аҳди бостон [Матн] // Муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодиву фарҳангии халқи тоҷик бо

кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик ва дурнамои он (Маводи илмии конференсияи байналмилалӣ). Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ. - Душанбе: 2023. –С. 245 - 254.

3. [10-М]. Манонзода А. М. Вазн ва баъзе истисноҳои арузӣ, қофия ва радиф дар достони "Ромаян" ("Ром ва Сито")-и Масеҳои Панипатӣ [Матн] // Амир Хусрави Деҳлавӣ –шоири хамсасаро (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ). Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ҶДММ «Таъбу нашр», 2023. –С. 44 - 57.

4. [11-М]. Манонзода А. М. Нигоҳе ба пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии мардумони эронию ҳинд дар аҳди бостон//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику узбек: гузашта, ҳозира ва оянда" ба дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145-солагии Сардафтари адабиёти муосири тоҷику узбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон (27-28.04.2023). Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. –С. 201 - 204.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Нуров Нуралӣ мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

- Дар тарзи навишти номҳои ҳиндӣ яксонӣ ва ягонагии тарзи навишт риоят нашудаанд, масалан, номҳои ҳиндии аз китобҳои русӣ иқтибосшуда дар шакли русии онҳо омадаанд (Маурия, Чандрагупта, Ашука...), номҳои аз адабиёти форсӣ омада, дар шакли талаффузи форсии онҳо сабт шудаанд (Аҷинто, Моуриё, Чандргупто, Ашуко...) , ки якхела намудани онҳо дараҷаи илмии рисоларо беҳтар менамуд.
- Хатоҳои имлоӣ ҳам дар матни рисола роҳ ёфтаанд.

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусрав Тағаймуродов Рустам Ҳакимович ва номзади илми филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- дар саҳифаи 12 автореферат аз тарҷумаҳои "Рамаяна" ба забони тамилӣ ба қалами Кампан, ба забони banголӣ тавассути Картибос ва ба

забони ҳиндӣ аз тарафи Тулсидос ба номи “Ром Чутармани” сухан рафтааст, вале дар бораи ин тарҷумаҳо ба ҷуз ҳамин ҷумла маълумоти дигаре дода нашудааст;

- ғалатҳои имлой, техникӣ ва услубӣ ҳам дар матни фишурда ба назар мерасанд, мисли дисертатсия бо як “с” (саҳ. 6, 9 дар се ҷо,19...).

3. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илми филология, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара Усмониён Нозила Усмон мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар матни автореферат калимаҳои иқтибосии арабии камистеъмол истифода шудаанд, ки муродифҳои тоҷикии онҳо мавҷуд ва бояд ба ҷойи онҳо истифода мегардиданд, мисли калимаҳои “шибҳи қорра” (саҳ.3), “вофир” (саҳ. 19), “таҳкия” (саҳ.16) ва ғ.;
- теъдоди абёти маснавии “Ром ва Сито” дар як ҷой 5308 байт (саҳ.9) ва дар ҷойи дигар 5408 байт (саҳ. 22) омадааст, ки бояд адади дурусти он навишта шавад.

4. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абубадуллои Рудакӣ Ашурова Нодира мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- дар бораи нахустин сароядаи ин ҳамоса ба забони бостонии Ҳинд Валмики дар автореферат маълумот умуман нест;
- дар матни автореферат хатоҳои имлой ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ночиз буда, ислоҳшаванда мебошанд.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсони диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**

1. Бар мабнои сарчашмаҳо, таълифоти илмии муосир ошкор намудани самтҳои асосии равобити адабию фарҳангӣ ва ҳунарии қавмҳои эронӣ ва сокинони шибҳи қораи Ҳинд дар даврони бостон;
2. Пажуҳиш ва таҳқиқи равобити илмӣ, адабӣ, ҳунарӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар даврони Сосониён (221 – 651) ва самти пайвандҳои маънавии ин халқҳои ҳамнажод, ҳамсоя ва ҳамқавм дар ин даврони пурбаракати таърихи ин халқҳо;

3. Баррасӣ ва пайгирии тарҷума ва таълифи ёдгории адабии “Калила ва Димна ” ва таҳрирҳои гуногуни он дар забони асл ва тарҷума дар замонҳои гуногун ва сабабҳои пайдо шудани тарҷумаҳои ин асар ба форсии тоҷикӣ;

4. Таҳқиқу баррасии осори тарҷумашуда аз забонҳои санскрит ва ҳиндӣ ба форсӣ дар замони ҳукумати силсилаҳои эронӣ дар шибҳи қораи Ҳинд, бахусус, осори илмӣ ва бадей;

5. Баррасии омории тарҷумаҳои форсӣ дар заминаи риштаҳои гуногун ва арзишу аҳаммияти онҳо дар густариши равобити адабӣ ва саҳму нақши онҳо дар ғанои адабиёти форсии тоҷикӣ;

6. Муаррифӣ ва ошноӣ бо “Рамаяна” – бузургтарин ва қадимтарин асари ҳамосӣ ва ишқии Ҳинди бостон;

7. Таҳлилу таҳқиқи тарҷумаҳои форсии ин ҳамоса аз асрҳои миёна то имрӯз;

8. Таҳқиқу пажуҳиши тарҷумаи Масеҳои Понипатӣ аз достони “Рамаяна”;

9. Баррасӣ ва таҳқиқи нусхаҳо ва нашрҳои ин достон, ки маъхази ин таҳқиқот будаанд;

10. Таҳлили сохт ва таркиби достони “Ром ва Сито”-и Масеҳои Понипатӣ;

11. Таҳқиқу баррасии вазн, қофия ва радиф дар маснавии “Ром ва Сито”;

12. Ҳунари шоирии Масеҳо дар ин маснавӣ ҳангоми коргирӣ аз қофия ва анвои он, радифҳои сода ва таркибӣ;

13. Маҳорати эҷодии шоир дар истеъмоли санъатҳои лафзӣ дар маснавии “Ром ва Сито”;

14. Истифода аз санъатҳои маънавӣ ва вижагиҳои он дар баёни ҳунари шоирии Масеҳои Понипатӣ дар достон;

15. Таҳқиқи забону баён ва вижагиҳои сабтии шоир дар маснавии “Ром ва Сито”.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Бо истифода аз назару ақидаҳои илмии муҳаққиқон мавзуи таҳқиқро дар заминаи меъёрҳои маъмулии шинохт ва равишҳои анъанавии илмӣ мавриди пажуҳиш қарор додем. Ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзуъ аз асосҳои назарии илми адабиётшиносӣ, хоса таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, сарчашмашиносӣ истифода шуда, ба таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандону муҳаққиқони таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳиндӣ ва назарияи он Н.И.Пригарина, И.С. Рабинович, М.Л. Рейснер, Я. Рипка, И. Д. Серебряков, С. Айнӣ, А. Мирзоев, А. Алимардонов, М.

Бақоев, А. Ғаффоров, Р. Ҳодизода, А. Сатторзода, Ш. Суфизода, Ш. Муҳаммадиев, З. Ғаффорова, С. М. Обидӣ, А. Ҳикмат ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад.** Диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақолаҳо интишор гардида, тавассути маҷаллаҳо, маҷмуаҳои дастҷамъӣ, маҷаллаҳои тақризшавандаи донишгоҳҳо ва институтҳои пажӯҳишӣ ба китобхонаҳои асосии илмӣ дар дарсҳои назарию амалӣ ва мустақилонаи факултетҳои филологӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯён ва омӯзгорон истифода мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи илмии диссертатсия дар заминаҳои амалии зерин қобили истифодаанд: ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ оид ба адабиёти тоҷик, таълифи мақолаҳои илмӣ дар соҳаҳои адабиётшиносӣ; таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ барои устодон ва донишҷӯёни факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар, таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик барои муаллимон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмию назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ н**ахустин бор аз тарафи муҳаққиқ пайвандҳои адабии эронӣ ва ҳиндӣ аз даврони бостон, замони Сосониҳо, даврони ҳукумати сулолаҳои эронии Ҳинд бар мабнои таҳқиқоти муосири илмӣ баррасӣ гардида, сайри таърихии тарҷумаи "Калила ва Димна" бо таҳрирҳои гуногуни он ба забони форсии тоҷикӣ таҳлилу арзёбӣ ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии "Рамаяна" дар назму наср ва анвои шеърии мухталиф, бахусус маснавии "Ром ва Сито" – и Масеҳои Понипатӣ ва муҳассиноти бадеии он ба шумули вазну қофияву радиф, ороҳои лафзию маънавӣ ва забону сабки баёни он сурат мегирад, ки таҳқиқоти комил дар ин замина мебошад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ аз 26-уми сентябри соли 2023 дар бораи ба Манонзода Абубакр Манон додани

дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.А.

26. 09. 2023